# Конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Муҳити корбурд ва инкишофи забонҳои бумии Тоҷикистон» (5 октябри соли 2018) **[1]**

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 7 Сентябр, 2018 - 15:55



Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 5-уми октябри соли 2018 Конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявиро бахшида ба Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «Муҳити корбурд ва инкишофи забонҳои бумии Тоҷикистон» бо иштироки олимону донишмандони кишвар ба нақша гирифтааст.

Дар Конференсия масъалаҳои марбут ба мушкилот ва рушду инкишофи забонҳои бумии кишвар, инчунин, аҳамияти онҳо дар такомули минбаъдаи забони давлатӣ баррасӣ хоҳад шуд.

Барои иштирок дар Конференсия матни маърӯзаро то 25-уми сентябри соли 2018 ба нишонии мо: шаҳри Душанбе, кӯчаи Беҳзод 25, ошёнаи 3-юми бинои Муассисаи давлатии “Тоҷикфилм” ё ин ки почтаи электронии Кумита kumitaizabon@mail.ru [2] пешниҳод намоед.
Талабот ба таҳияи маърӯзаҳо:

Маърӯзаро дар ҳаҷми аз 4 то 6 саҳифаи чопӣ дар формати Word, варақаи андозаи А 4, фосилаҳо аз боло 2 см., аз поён 2 см., аз чап 3 см., аз рост 1,5 см., фосилаи байни сатрҳо 1,5 ҳуруфи Times New Roman ва Times New Roman Tj, андозаи ҳарфҳо 14 дар шакли хаттӣ ва электронӣ пешниҳод кардан зарур аст. Ному насаб, унвон ва дараҷаи илмӣ, вазифаи ишғолкардаи муаллиф бо пуррагӣ дар гӯшаи рости варақ баъди унвони маърӯза ҷойгир карда шавад.

Маводи Конференсия дар шакли маҷмӯа чоп мешавад.

Телефонҳо барои тамос: 227-59-25; 227-64-51; 92-721-53-46. Почтаи электронӣ: kumitaizabon@mail.ru [2].

Комиссияи тадорукот

## Баҳодиҳии муҳтаво:

5

Ҳуқуқи муаллиф © 2020, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сомонасозӣ ва маҳаллисозӣ/тарҷумаи техникӣ аз ҷониби маъмури сомона

Баҳои миёна: 5 (2 овоз)

Rate

Категория:

- Конференсияҳо [3]

---

**Манбаъ::**http://istilohot.tj/tg/content/konferensiyai-ilmiyu-amalii-chumkhuriyavi-takhti-unvoni-mukhiti-korburd-va-inkishofi?mini=2024-05&page=48

**Пайвандҳо**
[1] http://istilohot.tj/tg/content/konferensiyai-ilmiyu-amalii-chumkhuriyavi-takhti-unvoni-mukhiti-korburd-va-inkishofi [2] mailto:kumitaizabon@mail.ru [3] http://istilohot.tj/tg/category/%D0%BA%D0%BE%D0%BD%D1%84%D0%B5%D1%80%D0%B5%D0%BD%D1%81%D0%B8%D1%8F%D2%B3%D0%BE

Ҳуқуқи муаллиф © 2020, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сомонасозӣ ва маҳаллисозӣ/тарҷумаи техникӣ аз ҷониби маъмури сомона